**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферати аспирант Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич собит менамояд, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи банди алоҳидаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2016-2020, ки «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, таҳқиқ гардидааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Мубрам будани мавзӯи диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст, пеш аз ҳама, ба ҳалли яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкории кишварамон нигаронида шудааст. Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити кунунии пешбарии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба мавҷудияти мушкилиҳои амиқи марбут ба дастёбии субъектҳои соҳибкории хурд ба бозор вобаста мебошад. Ин мушкилот дар қобилияти пасти пардохти аҳолӣ, болоравии хароҷоти нақлиётӣ ва дигар пардохтҳо, душвории дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хом, технологияҳои нав, сармояи қарзӣ ифода меёбад. Дар бисёр маврид соҳибкор, на дар андешаи рушди тиҷорати худ, балки дар фикри барҷомонӣ мебошад. Таҳлили вазъ ва рушди кунунии соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки маҷмӯи мамониатҳои ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти идораи давлатӣ ва инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вуҷуд доранд.

Дар чунин шароит таҳқиқи илмии масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд рӯзмарра арзёбӣ гардида, ҳамзамон омӯзиши асосҳои назариявии ҷанбаҳои иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд, аз ҷумла мафҳуми субъектҳои соҳибкории хурд ва вазъи ҳуқуқии онҳо, ошкор

намудани доира ва муқаррар намудани маҳаки ворид намудан ба субъектҳои соҳибкории хурд, омӯзиши хусусият ва равиши фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун як навъи субъекти соҳибкории хурд, инчунин, проблемаҳои амалии соҳибкории хурд дар Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок пайдо менамояд (саҳ. 4).

Муҳимтар аз ҳама, маҳз нисбати мавзӯи таҳқиқотии мазкур дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон таҳқиқоти диссертатсионӣ то ҳол анҷом дода нашудааст, ки чунин ҳолат барои сари вақт ва дар сатҳи дахлдор, инчунин ба талаботи замони муосир ҳаллу фасл накардани мушкилоти гуногуни соҳибкории хурд гардидааст. Таҳқиқоти мазкур бошад, бевосита ба муайян ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ҳалли мусбати чунин фазои холӣ дар назария ва амалияи илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкории кишварамон мусоидат хоҳад кард.

Бинобар ин, таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур, хусусан дар шароити имрӯза, ки он дар назди ҳар як шахс вазифаҳои нав ба нав ҷиҳати ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба миён мегузорад, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Маҳз дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти илмии мазкур масъалаҳо ва мушкилоти гуногуни марбут ба соҳибкории хурд муайян ва баҳри бартараф намудани онҳо таклифу пешниҳодҳои судманди илмӣ баён карда мешавад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мeёбад, ки мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи диссертатсия мебошад. Навгонии диссертатсияи мазкурро таҳқиқи масъалаҳои мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, мафҳум ва моҳияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд, хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳлилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо, алоқамандии онҳо барои мусоидати рушди соҳаи соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва шаклҳои ҳуқуқии онҳо ташкил медиҳанд (саҳ. 8).

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯи мазкур як зумра нуктаҳои нави илмиро муайян ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он арзиши муҳимми назариявӣ ва амалиро соҳиб мебошанд (саҳ. 8, 9, 10, 11). Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ҳамчун қисми таркибии соҳибкорӣ, соҳаи махсуси танзими ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати хусусият воҳиди

маҷмӯй буда, моҳият ва мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Моҳияти иқтисодии соҳибкории хурд дар тавсифи диалектикӣ ва бисёрмеъёрии рушди он зоҳир ёфта, ба сифати бахши мустақили иқтисодиёт барои ба даст овардани фоида равона карда шуда, бо дараҷаи баланди номуайянӣ ва таваккал, ҷавобгарӣ, қобилият ба ҷорӣ намудани навоварӣ ва ғайра асос меёбад. Моҳияти (мазмуни) ҳуқуқии соҳибкории хурд аз мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкорӣ, ки қонунгузории ҶТ онро ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст, ба миён меояд (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ ва қ. 1, м. 8 Кодекси андози ҶТ).

Диссертант ба чунин хулоса меояд, ки таҳлили муносибати назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани субъектҳои соҳибкории хурд дар ҶТ ва таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ба хулоса оем, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, ки дар худ аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намуда, барои то дараҷае ба таври пурра ва объективона кушодани моҳияти иқтисодӣ-ҳуқуқии соҳибкории хурд ҳангоми барасмиятдарории ҳуқуқии он мусоидат намояд ва ба ягонагии равиши инкишофи қонунгузории ҶТ созгор бошад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки қонунгузории ҶТ бо таҷрибаи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ оид ба шумораи кормандони бо кор машғулбуда пурра карда шавад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин ки бо истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар асоси истифодаи малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъйиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад.

Аспирант бар он ақида аст, ки ҳавасмандии иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд нияти ҳуқуқии баамалбарории фаъолият оид ба таъсис ва баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд аз ҷониби субъектҳои он тибқи қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд мебошад. Ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурд моҳияти иқтисодию ҳуқуқӣ дошта, онҳо дар алоқамандӣ қарор доранд. Онҳо ҳамчун чораҳои мусбати иқтисодию ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ гирифтани фоида равона карда шудаанд.

Таҳлили масъалаи маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурд диссертантро ба хулосае меорад, ки он аз нуқтаи назари қонунгузор

боздошти ғайриқонунӣ ва номатлуби амалҳои шарикони хусусӣ ва оммавӣ дар соҳаи соҳибкории хурд буда, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои хусусӣ ва оммавии субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши мафҳумҳо оид ба дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд хулоса менамояд, ки он низоми бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи меъёр, усул, чора ва воситаҳое мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба ташкил ва таъмини кори самараноки онҳо равона гардида, ҳавасмандгардонии ҳуқуқии субъектҳои мазкур ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии шахсони бо онҳо алоқамандбударо баҳо медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқи шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд муаллиф қайд менамояд, ки он ҳамчун чораҳои (усул, воситаҳои) аниқи дорои хусусияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маҳдуд ва ҳавасмандкунандае мебошад, ки ба таъсис ва (ё) дастгирии сатҳи фаъолияти низоми субъектҳои соҳибкории хурд равона гардидаанд.

Аспирант дар таҳқиқоти хеш ғайр аз нуқтаҳои илмии назариявӣ, инчунин нуктаҳои илмии амалиро низ, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда вобаста танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд нигаронида шудаанд, асоснок ва пешниҳод намудааст.

Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд. Ба асоснокӣ ва муътамаду боварибахш будани хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, таҳлили таҳқиқоти мазкур, хусусан ақидаҳои мавҷудаи илмӣ, нуқтаҳои илмии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, муайян ва таҳлил намудани мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ, аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додани ақидаҳои илмӣ, оид ба масъалаҳои баҳснок муайян кардани мавқеи илмии мустақили хеш, ҳамзамон асоснок намудани хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар натиҷаи истифодаи номгӯи адабиёти илмии гуногун ба даст омадаанд, шаҳодат медиҳанд.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, сохтори он вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва аз ҷиҳати мантиқӣ низ дуруст корбаст карда шудааст. Таҳқиқи масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия банақшагирифташуда бо назардошти таҳқиқи мантиқӣ, тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳо ва ақидаҳои илмии умумӣ ва мушаххас ва пай дар пай таҳлил намудани қонунгузорӣ амалӣ гардидааст. Аспирант, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои ҳуқуқии умумиилмӣ диалектикӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои мантиқии мушоҳида ва пешгӯии илмӣ, инчунин методҳои махсуси илмӣ низ, аз қабили таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ низ истифода гардидааст.

Ҳамзамон, муаллиф зимни истифодаи адабиёти гуногуни илмӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод низ ишора намудааст, ки аз талаботи банди 18 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ба миён меояд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун манбаҳои боварибахш аз лиҳози илмӣ асосноку санҷидашуда ва мантиқан дуруст буда, барои дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, хусусан зимни навиштани корҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли корҳои илмии мустақилонаи таҳсилгирандагони зинаҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳо ва барномаҳои таълимӣ ҳамзамон зимни тадриси фанҳои таълимӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус, фанҳои интихобӣ, зимни таҳия ва такмили қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ, аз ҷумла консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, низ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот истифода намудан мумкин аст.

Дар фаъолияти амалӣ бошад, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурд, ки кори илмии мазкурро дар бар мегирад, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шуда метавонанд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурд, истифода бурда шаванд. Дар маҷмӯъ, истифодаи тавсияҳои мазкур, аз аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур вобаста ба мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд башорат медиҳанд.

Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Аз ҷониби аспирант 12 мақолаи илмӣ оид ба масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ба чоп расонида шудааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадааст.

Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.

Муаллиф дар заминаи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот номгӯи масъалаҳо ва мушкилоти гуногун, ҳамзамон муҳим ва зарурии марбут ба

мавзӯи диссертатсияро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Мақсади таҳқиқот аз таҳлили муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҶТ, омӯзиши масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина коркард ва манзур намудани пешниҳодоти дахлдор ҷиҳати такмили қонунгузорӣ оид ба соҳибкории хурд иборат аст.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур муайян намудани мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, таҳқиқи моҳият ва мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, таҳқиқи ташаккул ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи соҳибкории хурд, баррасии ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд, муайян намудани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, омӯзиши асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (саҳ. 6).

Ҳалли вазифаҳои мазкур, ки дар як вақт нақшаи илмии таҳқиқоти мавзӯи мазкурро низ ташкил медиҳанд, таҳқиқ ва омӯзиши онҳо, хусусан дар шароити имрӯза аз лиҳози илмӣ муҳим ва зарурӣ буда, ҷиҳати пурра ва ҳаматарафа равшан намудани паҳлуҳои ҳанӯз норавшани фаъолияти назариявӣ ва амалии субъектони соҳибкории хурд ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар кишварамон равона гардидааст. Диссертатсияи мазкур ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақил аз муқаддима, се боб, ки ҳашт зербобро фаро гирифтааст, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 162 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов И.М. ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии ба ҳадафи худ ноилгардида мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Чун қоида, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баъзе масъалаҳои аз лиҳози илмӣ баҳснок низ ба назар мерасанд, ки дар ҷараёни ҳимояи

ошкорои диссертатсия нисбати онҳо таваҷҷуҳ намудани аспирант муҳим мебошад.

1. Муаллиф дар матн ва нуктаи сеюми навгонии диссертатсия (саҳ. 41, 42, 135), ки мафҳуми фаъолияти ҳунармандиро пешниҳод намудааст, дар баробари тарзи дастии истеҳсолот истифодаи воситаҳои механиконии хурдро пешбинӣ намудааст, ҳамзамон онро ба аломатҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд дохил кардааст. Ба андешаи мо диққати махсус зоҳир кардани давлат ба муносибатҳои ҷамъиятии мазкур ва дар қонуни алоҳида ба танзим даровардани онҳо бахри он равона шудааст, ки фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ва тақвият ёбад. Аз муқаррароти Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳунармандӣ" бармеояд, ки вазифаҳои қонуни мазкур аз эҳё, ҳифз ва тарғиби анъанаҳои таърихӣ ва бостонии санъати ҳунармандӣ, фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди ҳунармандӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳунармандон оид ба рушди ин соҳа ва ғайра иборат мебошад. Мувофиқан, пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар мафҳуми ҳунармандӣ ба нигоҳдории хусусиятҳои миллии фаъолияти ҳунармамандӣ баҳснок мебошад.

2. Таҳлил ва омӯзиши дилхоҳ падидаи ҳуқуқӣ аз лиҳози таърихӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз лиҳози таърихӣ таҳқиқи масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд аз якчанд ҷиҳат мусбат арзёбӣ мегардад, аз ҷумла пайдо кардани маълумот оид ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои баррасишаванда дар давраҳои гуногуни таърихӣ, муайян ва ошкор кардани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур бо мақсади мукаммал кардани қунунгузории амалкунанда дар самти мазкур, дар заминаи омӯзиши давра ба давраи ташаккули падидаи мазкур муайян кардани дурнамои танзими ҳуқуқии самарабахшу дахлдори он ва ғайра. Қобили зикр аст, ки дар якчанд зербоби кори илмии мазкур, (саҳ. 15-30, 30-43, 43-54) оид ба таърихи ташаккули падидаҳои мухталифи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар қаламраи Тоҷикистони таърихӣ сухан меравад, аммо ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф як зербоби алоҳидаи кори рисолаи номзадиашро ба асосҳои таърихии пайдоиши соҳибкории хурд бахшида, ҷанбаҳои таърихии онро мавриди таҳлил қарор медод.

Албатта, эродҳои номбаршуда танҳо аз ҷиҳати илмӣ мубоҳисавӣ буда, арзиши таҳқиқоти диссертатсиониро паст наменамоянд ва хусусияти дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиши алоҳида қарор гирифтанро соҳиб мебошанд.

Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд. Муаллиф, Шарифов И.М.

аспиранти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки чунин ҳолат гувоҳи мутобиқати ихтисоси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Қисмати хотимавии тақриз. Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич доир ба ҳалли яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкории кишварамон диссертатсияи мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикос гардидааст. Автореферат ба мазмун ва муҳтавои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва ба он мувофиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов И.М. дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ хусусан дар шароити соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон аз аҳаммият холӣ набуда, кори илмӣ-тахассусии ба мақсади хеш ноил гардида буда, дар он муқаррароти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда вобаста ба ҳалли самарабахши масъалаҳо ва мушкилоти муайянгардида таклифу пешниҳодҳои судманди илмӣ баён гардидааст.

Тақризи мазкур дар доираи талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва афтореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифов И.М. ба мавзӯи муҳимму қаблан мавриди омӯзиш қарорнаёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва он пурра ба талаботи банди

10-16-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мирзоев П.И.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯч. Саид Носир, 33;
Тел.: +992 (37) 224-17-86
Почтаи электронӣ: info@did.tj
Сомона: http://did.tj

Имзои П.И. Мирзоевро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Суфиев Ф.

"21" 10 соли 2020